***ТДУ 371.01***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-380-111-116***

# ***ФАЪОЛИЯТИ ЛОИҲАВӢ - ТАҲҚИҚОТӢ ЧУН ОМИЛИ САМАРАБАХШИИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ***

***Мӯминова Истадҷон Сайфуллоевна***, *муаллими кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ;* ***Шарипова Тахминахон Тӯхтаевна***, *муаллими кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров»(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ***ПРОЕКТНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ КАК ЭФФЕКТИВНЫЙ ФАКТОР ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ***

***Муминова Истаджон Сайфуллоевна,*** *преподаватель кафедры социальной и профессиональной педагогики;* ***Шарипова Тахминахон Тухтаевна,*** *преподаватель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ имени акад.Б. Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# ***PROJECT-RESEARCH ACTIVITIES AS AN EFFECTIVE FACTOR IN THE COGNITIVE ACTIVITIES OF PRIMARY SCHOOL CHILDREN***

***Muminova Istadjon Sayfulloevna,*** *Lecturer of Social and Professional Pedgogy Department;* ***Sharipova Takhminakhon Tukhtaevna,*** *Lecturer of Social and Professional Pedgogy Department, SEI «KSU named after acad. B.Gafurov» (Tajikistan, Khujand)*

***Калидвожаҳо:*** *раванди таълим, фаъолияти маърифатӣ, усулҳои таълим, усули лоиҳавӣ, фаъолияти тадқиқотӣ, кори амалӣ, тафаккури дивергентӣ.*

*Дар мақола оид ба назарияи умумии фаъолияти лоиҳавӣ ва тадқиқотии мактаббачагони хурдсол сухан ронда шуда, сохтори фаъолияти лоиҳавӣ ва тадқиқотӣ, инчунин марҳилаҳои алоҳидаи он, мавқеи лоиҳасозӣ дар кори таълимии хонандагони хурдсол қайд гардидааст. Муаллифон иброз медоранд, ки мутобиқ ба парадигмаҳои замони муосир дар Стандартҳои нави давлатии таълими ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкили фаъолияти лоиҳавӣ таҳқиқотии хонандагони синни хурди мактабӣ эътибори махсус зоҳир гардидааст. Ба андешаи муаллифон фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ бояд самти пешбарии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ гардида, дар ин самт ҳамкории омӯзгору волидайн мунтазаму мақсаднок ба роҳ монда шавад.*

***Ключевые слова:*** *учебный процесс, познавательная деятельность, методы обучения, метод проектов, исследовательская деятельность, практическое действие, дивергентное мышление.*

*В статье излагается общая теория проектной и исследовательской деятельности младших школьников: описана структура проектной и исследовательской деятельности, а также ее отдельные этапы, особое внимание уделено месту проектов в учебной работе младших школьников в зависимости от степени образования. Авторы отмечают, что в соответствии с парадигмами современного образования в новых государственных стандартах начального образования Республики Таджикистан особое внимание уделено организации проектно-исследовательской деятельности учащихся младших классов. По мнению авторов, проектно-исследовательская деятельность должна стать важным направлением активизации познавательной деятельности учащихся начальных классов, и в этом направлении регулярно и целенаправленно должно налаживаться сотрудничество педагогов и родителей.*

***Keywords:*** *educational process, cognitive activity, teaching methods, project method, research activity, practical action, divergent thinking.*

*The article presents the general theory of project and research activities of primary school students: the structure of project and research activities, as well as its individual stages, is described, special attention is paid to the place of projects in the educational work of primary school students depending on the level of education. The authors note that in accordance with the paradigms of modern education in the new state standards of primary education of the Republic of Tajikistan, special attention is paid to the organization of project and research activities of primary school students. According to the authors, project and research activities should become an important direction for activating the cognitive activity of primary school students, and in this direction, cooperation between teachers and parents should be regularly and purposefully established.*

Дигаргуниҳои куллӣ дар низоми маорифи кишвари мо, ки ба таъмини сифати таълиму тарбияи хонандагони тавони мустақилона гузоштану ҳал намудани мушкилоти гуногун, пешниҳоди роҳҳои имконпазири ҳалли масъала ва ҳамкории фаъолона бо ҷомеаро дар соҳаҳои гуногуни ҳаётдошта равона гардидааст, ба таври назаррас ба талаботи ҷамъият ба таҳсил дар мактаб таъсир

мерасонад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ -ҳуқуқии соҳаи маориф таъкид мегардад, ки бояд хонандагон аз синфҳои ибтидоӣ ба иҷрои фаъолияти лоиҳавӣ ва таҳқиқотӣ машғул гарданд, зеро ин навъи фаъолияти таълимӣ- маърифатӣ ба рушди фарҳанги меҳнати зеҳнӣ, ташаккули малакаҳои муошират ва масъулиятшиносӣ, малакаҳои гузаронидани чорабиниҳои дастаҷамъона мусоидат мекунанд.

Асоси Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти ибтидоӣ равиши бонизоми фаъолият мебошад, ки гузариш ба стратегияи тарҳрезӣ ва сохти иҷтимоиро дар системаи маориф дар асоси таҳияи мундариҷа ва технологияҳои таълимӣ дар назар дорад. Он роҳу воситаҳои ноил шудан ба ҳадафҳои таълимро муайян намуда, сатҳи (натиҷаи) аз ҷиҳати иҷтимоӣ матлуби инкишофи шахсият ва маърифатии хонандагонро дар назар дорад.

Дар раванди иҷрои фаъолиятҳои лоиҳавӣ ва таҳқиқотӣ фаъолияти маърифатии хонандагон ташаккул ёфта, шахсияти хонандагон низ ба самти мусбӣ тағйир мепазирад.

Лоиҳа - аз лотинӣ ҳамчун «ба пеш партофташуда» тарҷума шудааст. Лоиҳакашӣ - ин раванди таҳия ва эҷоди лоиҳа (тимсол, амсилаи объект ё ҳолати пешниҳодшуда ё имконпазир) мебошад. «Фаъолияти лоиҳавӣ ҳатман як фаъолияти амалӣ мебошад. Он ба андозаи хеле камтар аз ҷониби муаллим танзим карда мешавад, яъне дар он усулҳои нави фаъолият азхуд карда намешаванд, балки ба воситаи ҳалли масъалаи амалӣ табдил меёбанд. Ҳангоми гузоштани масъалаи амалӣ хонандагон барои ин вазифаи мушаххас воситаҳои худро меҷӯянд ва дар ҳалли масъалаи гузошташуда метавонад каму беш муваффақ бошанд. Меъёри рақамии муваффақияти лоиҳа маҳсули он аст» [5, с.17].

Таҳқиқот – раванди таҳияи донишҳои нав, яке аз намудҳои фаъолияти маърифатии инсон аст. «Омӯзиши таҳқиқотӣ» як равиши махсус ба омӯзиш аст, ки дар асоси хоҳиши табиии кӯдак барои мустақилона омӯхтани муҳити зист ба миён омадааст. Мақсади асосии омӯзиши таҳқиқотӣ дар хонанда ташаккул додани қобилияти мустақилона, эҷодкорона азхуд кардан ва аз нав сохтани тарзҳои нави фаъолият дар ҳама гуна соҳаи маданияти инсонӣ мебошад.

Фаъолиятҳои лоиҳавӣ ва таҳқиқотӣ бо ҳамдигар зич марбут буда, дар як вакт бо хусусиятҳои хоси хеш аз ҳамдигар фарқи куллӣ доранд. Хусусиятҳои фарққунандаи ин ду навъи фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ дар ҷадвали зерин инъикос гардидаанд:

| **Лоиҳакашӣ** | **Таҳқиқот** |
|---|---|
| 1. Таҳия ва эҷоди объекти ба нақша гирифташуда ё ҳолати мушаххаси он | 1.Эҷод объекти пешакӣ ба нақша гирифташударо тахмин намекунад |
| 2. Ҳалли масъалаи амалӣ | 2. Эҷоди маҳсулоти зеҳнии нав |
| 3. Омодасозии варианти мушаххаси тағйир додани унсурҳои муҳити зист | 3. Раванди ҷустуҷӯи чизи номаълум, ба даст овардани дониши нав |

Ҷалб намудани хонандагони хурдсол ба фаъолияти лоиҳавӣ- таҳқиқотӣ, мақсади воридсозии онҳоро ба ин навъи фаъолияти маърифатӣ, ки минбаъд мустақилияти бештарро тақозо хоҳад намуд, дорад. Бояд гуфт, ки синну соли хурди мактабӣ барои ташкили чорабиниҳои лоиҳавӣ маҳдудиятҳои табиӣ мегузорад, аммо бо дарназардошти хусусиятҳои синну соли мактаббачаҳои хурдсол ба ҷалби хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ шуруъ кардан лозим аст. Тадқиқотҳо нишон додаанд, ки мактаббачагон бояд ба машғулиятҳои лоиҳавӣ ҷалб карда шаванд, то ки фаъолияти маърифатиро марҳила ба марҳила аз синфи якум инкишоф диҳанд. Дар марҳилаи аввал хонандагони синфҳои 1-2 вазифаҳои эҷодии имконпазир, ба лоиҳагирии вазифаҳоеро ҳал мекунанд, ки ҳадафҳо, усулҳо ва ҷои татбиқи худро доранд. Дар ҷараёни кор аз рӯи супориши лоиҳавӣ хонандагон дар кори гурӯҳӣ ҳамкорӣ кардан, нақша тартиб додан ва мубодилаи афкорро меомӯзанд. Дар синфҳои 3-4 ҳадафи асосии ҳалли масъалаҳои лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ ва анҷом додани лоиҳаҳо аз муайян кардани қобилияти интиқол додани усулҳои маълуми амал ба вазъияти нав иборат аст.

Ҳавасмандгардонӣ барои иҷрои фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ яке аз мушкилоти самарабахшсозии фаъолияти маърифатӣ мебошад, зеро хонанда на танҳо объекти идоракунӣ, балки субъекти фаъолияти лоиҳа мебошад.

Тибқи талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилоти ибтидоӣ хатмкунандагони зинаи ибтидоии таҳсил бояд қобилияти гузаронидани таҳқиқоти лоиҳавии гурӯҳӣ нишон диҳанд. Дар ин самти фаъолият хонанда бояд аз уҳдаи амалҳои зайл баромада тавонад:

- ёфтани роҳи умумии ҳалли мушкилот (интихоби вазифаи таълимӣ),

– донистани низоми амалҳоеро, ки барои ҳалли мушкилот имкон медиҳанд (амалҳои таълимӣ);
– мустақилона назорат кардани раванди кори таълимии худ (назорат);
– ба таври кофӣ баҳо додан ба сифати татбиқи он (баҳогузорӣ).

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани ҳавасмандӣ ва самаранокии фаъолияти таълимӣ дар синфҳои ибтидоӣ ҷалби хонандагон ба корҳои таҳқиқотӣ ва лоиҳавӣ мебошад. Фаъолияти таҳқиқотӣ ва лоиҳавӣ барои эҷоди таваҷҷуҳи хонандагон ҳам ба эҷодиёти инфиродӣ ва ҳам коллективӣ имкониятҳои навро мекушояд. Дорои тахайюлоти фаъол ва салоҳият дар соҳаи муаяйни дониш будани хонандагони хурдсол аз хусусиятҳои муҳимми татбиқи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва лоиҳавӣ мебошад.

Ҳадафҳои фаъолияти лоиҳавӣ ва таҳқиқотӣ:

– ташаккули ҳавасмандии мусбии хонандагон;
– мустақилона азхудкунии дониш, ки на танҳо ба татбиқи дониш ва малакаҳои азбаршуда, балки дар асоси муносибати эҷодӣ ба таълим ба гирифтани донишҳои нав асос меёбад.

Ба роҳ мондани корҳои лоиҳавӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ дар синфҳои ибтидоӣ ба инкишофи ҳамаҷонибаи мактаббачагон ва бевосита ба чунин нишондиҳандаҳои фаъолияти равонӣ, ба монанди қобилияти:

– тасниф сохтан;
– ҷамъбаст намудан;
– интихоби намудани роҳи имконпазири ҳалли масъала;
– аз ҷустуҷӯ як роҳи ҳалли мушкилот кӯчонидани диққат ба дигаре;
– таҳияи нақшаи фаъолият;
– баррасӣ намудани объекти фаъолият аз нуқтаи назарҳои гуногун;
– муқоисаи объектҳои гуногун ва маҷмуи онҳо;
– аз рӯи мавзуи пешниҳодшуда тартиб додани вазифаю супоришҳо;
– иҷрои худтанзимкунӣ ва назорати амалҳои хеш мусоидат менамояд.

Анҷом додани фаъолияти лоиҳавӣ ва таҳқиқотӣ аз хонандагон қобилияти таҳқиқотиро талаб мекунанд. Биёед ба амсилаи сохтори қобилиятҳои таҳқиқотии пешниҳодкардаи А.И.Савенков назар афканем. Вай қобилияти таҳқиқотиро ҳамчун маҷмуе тавсиф мекунад, ки аз ҷузъҳои зайл таркиб ёфтааст:

– фаъолияти ҷустуҷӯӣ -ҷузъи ҳавасмандии қобилиятҳои таҳқиқотиро тавсиф намуда, мавҷудияти ин навъи фаъолият дар мактаббачагон бо ангезаи фаъолият ва мавҷудияти шавқмандӣ нишон дода мешавад;
– сатҳи тафаккури дивергентӣ – бо хислатҳои муҳимаш - маҳсулнокӣ, асолат, чандирии тафаккур, қобилияти таҳияи масъалаҳо, тавлиди ғояҳо ва ғайра фарқ мекунад;
– сатҳи тафаккури конвергентӣ - қобилияти ҳалли мушкилот дар асоси амалҳои мантиқӣ, таҳлил ва таркиб [7, с.138].

Малакаҳои умумие, ки барои гузаронидани таҳқиқот ногузиранд: дарки мушкилот, саволгузорӣ кардан, иҷрои амалиётҳои мантиқӣ (барои муайян кардани консепсияҳо, тасниф кардан, мураттаб сохтани мулоҳизаҳо ва хулосаҳо, умумӣ кардан), мушоҳида кардан ва таҷриба гузаронидан мебошанд.

Дар рафти кор аз рӯи лоиҳаҳо ва таҳқиқотҳо аз эҳтимол дур нест, ки душвориҳои характери объективӣ дошта ба миён оянд. Ин метавонад ба як қатор хусусиятҳои синнусолӣ вобаста бошад. Ҳангоми кор кардан бо лоиҳаҳо иштироки калонсолон то андозае зарур аст, ки кӯдакон ба он ниёз доранд.

Шароитҳои педагогии фаъолияти лоиҳавии хонандагони хурдсол ҳамчун воситаи ташаккули фаъолияти маърифатии онҳо як намуди махсуси ҳамкории муаллимон, хонандагон ва волидон бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид дар фаъолияти лоиҳавӣ мебошад. Ин усули муносибати комплексӣ аст, ки пайдарпай амалӣ намудани марҳилаҳои зеринро ифода мекунад: ташхиси моҳияти мушкилот; ҷустуҷӯи маълумотҳои зарурӣ барои роҳҳои ҳалли он; интихоби роҳи мувофиқи ҳалли масъала; раҳнамоӣ ё худ ёрии аввалин дар давраи иҷрои нақшаи ҳалли масъала. Риояи ин принсипҳо имкон медиҳад, ки дастгирии педагогӣ дар асоси талаботҳои таълимӣ-маърифатии мактаббачагони хурдсол бунёд карда шавад. Иштирокчиёни дастгирии педагогии хонандаи хурдсол дар фаъолияти лоиҳавӣ волидон ва омӯзгороне мебошанд, ки ҳавасмандии кӯдакро тавассути зоҳир кардани таваҷҷуҳ ба фаъолияти лоиҳавӣ ҳамчун воситаи рушди фаъолияти маърифатии хонандаи хурдсол дастгирӣ мекунанд.

Шарти навбатии амалисозии имкониятҳои фаъолияти лоиҳавӣ ҳамчун воситаи ташаккули

фаъолияти маърифатӣ фароҳам овардани вазъи муваффақият дар ин раванд мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки фаъолиятҳои муштараки лоиҳавӣ имкон фароҳам меоранд, ки ҳамбастагии иттифоқи кӯдакону калонсолон ба миён ояд. Хоҳиши гирифтани розигии калонсолон - муаллимон, волидон, ҳамсолон асоси интизории муваффақияти хонандаи хурдсол аст. Фаъолияти муштараки лоиҳавии кӯдакони синфҳои ибтидоӣ, омӯзгорон ва волидон вазъияти муваффақият, шодӣ, қаноатмандиро ба вуҷуд оварда, ба ташаккули муносибатҳои ҳассоси боварӣ байни волидон, кӯдакон ва омӯзгорон мусоидат мекунад. Эҷоди вазъияти муваффақияти фаъолияти лоиҳавӣ ба рушди мавқеи фаъоли хонанда дар фаъолияти таълимӣ ва беруназсинфӣ, мустақилият, ташаббускорӣ, ташаккул ёфтани малакаи кор дар даста, ташаккули малакаҳои муошират, баланд гардидани эътимод ба имконоти зеҳниву ақлии хеш ва ҳавасмандии омӯзишӣ, ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия дар асоси манфиатҳои хонандагони хурдсол мусоидат менамояд.

Истифодаи ин усулҳо даст кашидан аз услуби авторитарии таълимро дар назар дошта, дар як вақт мукаммал ба ҳам пайвастани усул, шакл ва воситаҳои таълимро оқилона таъмин менамояд.Аз ин рӯй, ба муаллимро лозим аст, ки:

−молики усулҳои таҳқиқотиву ҷӯстуҷӯӣ бошад, фаъолияти мустақилонаи хонандагонро ташкил карда тавонад;

−бе таҳмил кардани нуқтаи назари худ, бидуни саркӯб кардани хонандагон бо салоҳияти худ баҳсҳоро ташкил ва баргузор карда тавонад;

−дар гурӯҳҳое, ки бо лоиҳа кор мекунанд рӯҳияи корӣ ва эмотсионалӣ ташкил намуда, хонандагонро барои ёфтани роҳи ҳалли мушкилот роҳнамоӣ намояд;

−барои ҳалли мушкилоти лоиҳаҳои интихобшуда мундариҷаи мавзуъ ва фанҳои гуногунро муттаҳид карда тавонад.

Технологияи лоиҳасозӣ ва технологияи фаъолияти таҳқиқотӣ мавҷуд будани зинаҳои зерини фаъолияти маърифатиро тақозо менамоянд:

−мавҷудияти мушкилоте, ки дониши ҳамаҷониба ва ҷустуҷӯи таҳқиқотии ҳалли онро талаб мекунад;

−ба аҳамияти амалӣ, назариявӣ ва маърифатӣ молик будани натиҷаҳои интизоршаванда;

−фаъолияти мустақилонаи хонанда;

−сохторбандии мундариҷаи лоиҳа бо нишон додани натиҷаҳои марҳилавӣ;

−истифодаи усулҳои таҳқиқот, яъне муайян кардани мушкилот ва ҳадафҳои таҳқиқоти он, муҳокимаи усулҳои таҳқиқот, ҷамъоварии маълумот, таҳияи натиҷаҳои ниҳоӣ, муаррифии маҳсул фаъолият, муҳокима ва хулосаҳо.

Дар ҷараёни кор дар лоиҳа ё таҳқиқот унсурҳои зерини фаъолияти лоиҳавӣ ва таҳқиқотӣ бояд ташаккул дода шаванд:

Фаъолияти зеҳнӣ: пешниҳод намудани ғоя (туғёни андеша), масъалагузорӣ, гузоштани мақсад ва мураттаб сохтани вазифа, пешниҳоди фарзия, гузоштани савол (ҷустуҷӯи фарзия), таҳияи фарзия, интихоби асосноки усул ё роҳи фаъолият, банақшагирии фаъолияти худ, худтаҳлилкунӣ ва мулоҳиза;

Муаррифӣ: сохтани ҳисоботи шифоҳӣ дар бораи кори анҷомдодашуда (гузориш), интихоби усулҳо ва шаклҳои намоиши визуалии натиҷаҳои фаъолият (маҳсулот), таҳияи ашёи аёнӣ, таҳияи ҳисоботи хаттӣ дар бораи кори анҷомдодашуда;

Муоширатӣ: гӯш кардан ва фаҳмидани дигарон, баён кардани андешаи худ, дарёфти созиш, муошират дар дохили гурӯҳ, пайдо кардани тавофуқ ва ризояти умум;

Ҷустуҷӯӣ: дарёфти маълумот дар Интернет, феҳристҳо, таҳияи калимаҳои калидӣ, аз матнҳои бузургҳаҷм, ҷустуҷӯй намудани чизи асосӣ тариқи истифодаи вожаҳои калидӣ;

Иттилоотӣ: сохторбандии иттилоот, нишон додани чизи асосӣ, қабул ва интиқоли иттилоот, пешниҳоди он дар шаклҳои гуногун, нигоҳдорӣ ва ҷустуҷӯи ботартиби ахбор;

Гузаронидани озмоиш: ташкили ҷои кор, интихоби таҷҳизоти зарурӣ, интихоб ва тайёр кардани маводҳо (воситаҳои гуногуни таълим), гузаронидани таҷриба, мушоҳидаи рафти таҷриба, чен кардани натиҷаҳои ба даст овардашуда ва таҳлили онҳо.

Ҳамин тариқ, ҳарду усул аз рӯи ҳадафҳо, вазифаҳо, усулҳо, шаклҳо ба ҳам наздиканд ва аксар вақт дар якҷоягӣ амалӣ мегарданд, ки самаранокии онҳоро зиёд мекунад. Истифодаи оқилонаву мақсадноки усулҳои лоиҳавӣ ва таҳқиқотӣ ба ташаккули қобилиятҳои зерин мусоидат хоҳанд кард:

- рушди малакаҳои маърифатии хонандагон;
- қобилияти паймоиш ва воқифият дар фазои иттилоотӣ;
- қобилияти мустақилона ба танзим овардани дониш;

- қобилияти муттаҳид кардани донишҳо аз соҳаҳои гуногуни илм;
- қобилияти фикрронии интиқодӣ.

Хулоса, дар фаъолияти лоиҳавӣ хонандагон қобилиятҳои нав пайдо мекунанд: дарк кардани мушкилот, ба ҳадафи фаъолияти худ табдил додани он, таҳияи нақша барои расидан ба ҳадафи гузошташуда, татбиқи он, ноил шудан ба натиҷаҳо, таҳлили муваффақият ва нокомиҳо барои пешгирии нокомиҳои минбаъда.

Фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии мактаббачагони хурдсол ҳамчун воситаи ташаккули фаъолияти маърифатӣ чунин имкониятҳоро фароҳам меорад:

- аз ҷиҳати мазмун: таъмини зуҳури шавқи маърифатӣ тавассути мундариҷаи фаъолияти лоиҳавӣ ва сарчашмаҳои гуногуни иттилооте, ки хонандагони синни хурди мактабӣ ҳангоми кор дар лоиҳа истифода мебаранд;

- аз ҷиҳати ташкилӣ: маҷмуи шаклҳои ташкилии фаъолияти лоиҳавӣ (инфиродӣ, гурӯҳӣ, коллективӣ), воситаҳо ва усулҳои гуногуни дидактикӣ;

-аз ҷиҳати робита ва ҳамкории педагогӣ: хусусияти субъективии муносибатҳои байни муаллим, падару модар ва мактаббачагони хурдсол дар ҳама марҳилаҳои фаъолияти лоиҳа.

Дар раванди корҳои лоиҳавӣ- таҳқиқотӣ дар хонандагон малакаҳои умумии кор (дар тафсири муосири АУТ — амалҳои универсалии таълимӣ) инкишоф меёбанд:

-тартиб додан: дарк кардани вазифа, ба нақша гирифтани марҳалаҳои фаъолияти дар пешистода, пешгуӣ кардани натиҷаҳои он;

-таҳқиқотӣ: пешниҳод намудани фарзияҳо, муқаррар намудани робитаҳои сабабу натиҷа, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъала;

-иттилоотӣ: мустақилона ҷустуҷӯй намудани иттилооти зарурӣ (дар энсиклопедияҳо, каталогҳои китобхонаҳо, дар Интернет), ҷустуҷӯи маълумоти зарурӣ аз калонсолон (муаллимон, роҳбарони лоиҳаҳо, мутахассисон), таҳлилу ҷойбаҷогузории иттилоот, ҷудо кардани чизи асосӣ;

-кооперативӣ: ҳамкорӣ бо иштирокчиёни лоиҳа, дар ҳалли масъалаҳои умумӣ расонидани кумаки мутақобила дар гурӯҳ, ба созишу хулосаи умумӣ омадан ҳангоми ҷустуҷӯи роҳи ҳалли мушкилот;

-муоширатӣ: қобилияти шунидан ва фаҳмидани андешаи дигарон, ворид шудан ба муколама, савол додан, иштирок дар муҳокима, баён кардани фикр;

-рефлексивӣ: дарки фаъолияти худ (раванд ва натиҷаҳои мобайнии он), баҳодиҳии худ;

-муаррифӣ: таҳияи гузориши шифоҳӣ дар бораи кори анҷомдодашуда, интихоби воситаҳои гуногуни аёнӣ ҳангоми суханронӣ, малакаҳои нутқи монологӣ, ҷавоб додан ба саволҳои ғайричашмдошт пешбинишуда.

## АДАБИЁТ:


1.Абдулшехидова, Х.Э. Проектные задачи как средство подготовки младших школьников к проектной деятельности /Х.Э.Абдулшехидова// «Успехи современной науки и образования». - Белгород, 2016. - №12. - С.105-108.
2.Абдулшехидова, Х.Э. Проектная технология как способ реализации поликультурной образовательной среды на уроках «Окружающего мира» *И* Материалы II Всероссийской научно-практической конференции с международным участием «Искусство-диалог культур» (25 ноября 2016, г. Грозный). - Грозный, 2016. - С.56-59.
3.Как проектировать универсальные учебные действия в начальной школе: от действия к мысли: пособие для учителя [Текст] / А.Г. Асмолов, Г.В. Бурменская, И.А. Володарская [и др.]; под ред. А.Г. Асмолова. – М.: Просвещение, 2008.
4.Новые педагогические и информационные технологии в системе образования. [Текст] / под ред. Е.С. Полат. – М., 2003.
5. Поливанова, К.Н. Проектная деятельность школьников: пособие для учителя / К.Н. Поливанова. – 2.-е изд. – М.: Просвещение, 2011. – 192. – (Работаем по новым стандартам). – ISBN 978-5-09-020813-0
6.Проектные задачи в начальной школе [Текст] : пособие для учителя / А.Б. Воронцов, В.М. Заславский, С.В. Егорки-на [и др.] ; под ред. А.Б. Воронцова. – М.: Просвещение, 2010.
7.Савенков, А. И. Педагогика. Исследовательский подход : учебник и практикум для вузов / А. И. Савенков. — 2-е изд., испр. и доп. — Москва : Издательство Юрайт, 2024. — 400 с. — (Высшее образование). — ISBN 978-5-534-17019-1. — Текст : электронный // Образовательная платформа Юрайт [сайт]. — URL: https://urait.ru/bcode/532199 (дата обращения: 09.09.2024).

**REFERENCES:**

1. Abdulshehidova H.E. Project tasks as a means of preparing primary school students for project activities // «Achievements of modern science and education». Belgorod, 2016. No. 12, pp. 105-108.
2. Abdulshehidova H.E. Project technology as a way of implementing a multicultural educational environment in the lessons of «The World Around Us» and Proceedings of the II All-Russian scientific and practical conference with international participation «Art - Dialogue of Cultures» (November 25, 2016, Grozny). Grozny, 2016.- p. 56-59.
3. How to design universal educational activities in primary school: from action to thought: a manual for a teacher [Text] / A.G. Asmolov, G.V. Burmenskaya, I.A. Voldarskaya [et al.]; edited by A.G. Asmolov. – M.: Education, 2008.
4. New pedagogical and information technologies in the education system. [Text] / edited by E.S. Polat. – M., 2003.
5. Polivanova K.N. Project activities of schoolchildren: a teacher's manual / K.N. Polivanova. – 2nd ed. – M.: Education, 2011. – 192. – (We work according to the new standards). – ISBN 978-5-09-020813-0
6. Project tasks in elementary school [Text]: a teacher's manual / A.B. Vorontsov, V.M. Zaslavsky, S.V. Egorkina [and others]; edited by A.B. Vorontsov. – M.: Education, 2010.
7. Savenkov, A.I. Pedagogy. Research approach: textbook and practical training for universities / A. I. Savenkov. - 2nd ed., corrected. and additional. - Moscow: Publishing house Yurait, 2024. - 400 p. - (Higher education). - ISBN 978-5-534-17019-1. - Text: electronic // Educational platform Yurait [website]. - URL: https://urait.ru/bcode/532199 (date of access: 09.09.2024).